International Finance Corporation
World Bank Group

Маркази Чумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустии Чумҳурии Точикистон

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Federal Department of Economic Affairs FDEA
State Secretariat for Economic Affairs SECO


**Барои иттилооти иловаги ба**
**Рухшона Нажмидинова, IFC**
**Тел: +992 48 701 1468**
**E-mail: rnazhmidinova@ifc.org**
**мурочиат намоед.**


# Маркази Чумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологи қоидаҳои нави тафтишотро қабул намуд

**Душанбе, 6 августи соли 2007 –** Лоихаи Корпоратсияи Байналмиллалии Молияви (IFC) оид ба рушди соҳибкории хурд ва миена ба Маркази Чумҳуриявии назорати давлатии санитарию эпидемиологи (СЭС) 500 нусхаи Қоидаҳои санчиш тақдим кард. Ин қоидаҳо аз Чониби СЭС таҳия гардида дар Вазорати адлия моҳи июли соли равон ба қайд гирифта шудааст. СЭС аз 22 мақомоти тафтишкунанда якумин мақомотест, ки қоидаҳои нави санчишро мувофиқи Қонуни нави ЧТ «Дар бораи санчиши фаъолияти субъектҳои хочагидор дар ЧТ» кор карда баромадааст.

«Мо аз Корпоратсияи байналмиллалии молияви барои дастгирии таҳияи қоидаҳо миннатдорем. Ин дастуруламал китоби руи мизи нозирони мо хоҳад шуд, ки мо онро ба онҳо дар 25 семинари таълимии оиди низоми нави санчиш, ки гузаронидани онҳо тирамоҳ ба нақша гирифта шудааст, дастрас менамоем»,- гуфт Сардори СЭС Самариддин Алиев.

Қоидаҳои нав натичаи ҳамкории СЭС ва IFC мебошанд, ки аз руи нақшаи кори сурат гирифта, моҳи феврали соли 2007 ба имзо расидааст ва ба ичроиши қонун оиди тафтишот мусоидат мекунад. Барномаи IFC оиди рушди соҳибкории хурд ва миёна, ки аз чониби Котиботи Давлатии Швейтсария оид ба иқтисодиёт маблағгузори мешавад, дар кор карда баровардани дастуруламали нав кумаки арзандаи техникиро таъмин гардонид.

Дастуруламал шарҳи муфассали қоидаҳои нави санчишро медиҳад, ки ин ба нозирон чиҳати амали гардонидани муқаррароти асосии қонуни нав кумак мерасонад. «Китобчае, ки мо имруз ба СЭС пешниҳод кардем, дар таркиби худ ҳамаи он чизҳоеро дорад, ки барои нозирон оиди санчиш донистан лозим аст – қоидаҳои нав, намунаҳои варақаҳое, ки онҳоро пеш ва пас аз санчишҳо пур кардан лозим аст, ва инчунин қонун оиди тафтишот. Ин он чизест, ки ба он мақомоти назорати эҳтиёчманд буданд» - гуфт Евгения Марденская, мушовири лоиха рушди соҳибкории хурд ва миёна.

СЭС яке аз се агентии тачрибавие мебошад ки бо IFC оиди амалигардонии қонуни нав ҳамкори мекунанд. Ду мақомоти дигар – Шуъбаи Марказии Хадамоти зиддисухтории назди Вазорати корҳои дохилаи ЧТ ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Чумҳурии Точикистон мебошанд.

«Ҳангоми тасдиқ кардани Қонуни нави оиди санчишҳо Ҳукумати Точикистон кушиши бузургеро намоиш дод, ки ба дастгирии соҳибкории хурду миёна равона шудааст. Аммо ин иқдом бе ичроиши ҳамачониба аз тарафи мақомоти назорати аҳамияти худро гум мекунад», - гуфт Сардори лоиха дар Точикистон Андреа Далл'Олио.

Кумаки техники ба тартиб додани санадҳои меъери ин як қисми фаъолияти васеи IFC ва Ҳукумати Швейтсария мебошад, ки ба ичро намудани қонуни нав равона шудааст. Илова ба ин IFC чиҳати баланд бардоштани маърифати ҳам нозирон ва ҳам соҳибкорон чорабиниҳо

мегузаронад. Барнома барои соҳибкорон бевосита ва инчунин ба воситаи ҳамкорҳо семинарҳои таълими ташкил менамояд. Дар даҳаи сеюми моҳи июли соли равон IFC пахши чор лавҳаи телевизионии (роликҳои) рекламаи иҷтимои дар бораи муқаррароти қонун оиди санҷиш ба воситаи шабакаи якуми Телевизиони Миллии Тоҷикистон – Шабакаи Аввал оғоз намудааст.

**Корпоратсияи Байналмиллалии Молияви (IFC)**, аъзои Гуруҳи Бонки Ҷаҳони буда ба рушди иқтисодии устувор дар мамлакатҳои тараққикунанда ба воситаи маблағгузориҳо ба сектори хусуси, сафарбаркунии маблағҳо дар бозорҳои байналмиллалии молияви ва пешниҳод намудани хизматҳои маслиҳати ба ширкатҳо ва хукуматҳо мусоидат мекунад. IFC тарафдори ақидаест, ки рушди устувори иқтисоди ба табақаҳои камбизоати аҳоли баҳри беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии худ имкониятҳоро мекушояд. Соли молиявии 2006 IFC ба 284 барномаи 66 мамлакат ба миқдори 8,3 миллиард доллари амрикои (аз ҷумла қарзҳои синдикати) маблағгузори кардааст. Барои иттилооти иловаги вебсайти www.ifc.org бинед.

**Барномаи IFC оиди рушди соҳибкории хурд ва миёна** фаъолияти худро соли 2003 бо кумаки молиявии Котиботи Давлатии Швейтсария оиди иқтисодиёт (SECO) оғоз намуд. Илова ба мониторинги фазои соҳибкори ба воситаи гузаронидани тадқиқотҳои мунтазам, барнома ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалигардонии Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кумак мерасонад. Барнома барои тағйироти иҷозатномадиҳи таҳлили пешакиро ба амал мебарорад ва маърифати соҳибкорони хурд ва миёнаро тавассути таълимдиҳи ва фаъолияти дигар баланд мебардорад. Иттилооти иловагиро тавассути сайти www.ifc.org/tajikistan/sme дастрас карда метавонед.

**Котиботи Давлатии Швейтсария оиди иқтисодиёт (SECO)** вазифаи сиёсати иқтисодии Конфедератсияи Швейтсарияро ба зимма дорад. Ҳадафи он ба вуҷуд овардан ва рушди шароитҳои танзимгардонии сиёсати иқтисоди баҳри беҳтаргардонии фазои соҳибкори мебошад. SECO инчунин Швейтсарияро дар созмонҳои бонуфузи бисёрҷониба ва байналмиллали намояндаги мекунад. Он инчунин дар фаъолияти паст намудани сатҳи камбизоати ширкат меварзад ва ба кишварҳои тараққикунандаи иқтисодиёти давраи гузариш барои созмон додани ҷамъияти демократи ва иқтисодиёти бозоргонии устувор кумак мерасонад. Ҳар сол Швейтсария ба рушди ҳамкори ва кумак ба кишварҳои давраи гузариш ба миқдори 1.9 миллиард франки швейтсари маблағ ҷудо мекунад.